**ТАҚРИЗИ**

мукарризи расмӣ ба диссертатсияи Азиззода Рухсора Назир дар мавзуи “Асосҳои иҷтимоӣ-педагогии омода намудани писарҳо ба иҷрои вазифаи падарӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) пешниҳод шудааст

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба амалӣ шудани сиёсати давлатии ҷавонон дар раванди бунёди давлати соҳибистиқлол, демократӣ ва ҳуқуқбунёд ва ташаккули шахсияти ҷавонон чОраҳои мушаххас меандешад. Махсусан, қабул ва амалигардии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон", Консепсияи миллии сиёсати ҷавонони Тоҷикистон ва Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар роҳи амалишавии сиёсати давлатии ҷавонони Тоҷикистон нақши назаррас доранд.

Таҳқиқотҳои олимону муҳаққиқон собит месозанд, ки синну соли мактабӣ марҳилаи мусоид дар ташаккули шахсияти наврасону ҷавонон ба ҳисоб меравад, зеро онҳо метавонанд мустақилона ҳаёти худро мувофиқи манфиатҳои ҷомеа, давлат ва оила ба роҳ монанд. Дар ин раванд тарбияи писарон ва ба ҳаёти оилавӣ тайёр намудани онҳо ба нақши падарӣ, сарвари оила, такягоҳи маънавию моддӣ, махсусан вазифаи падарӣ муҳим ба ҳисоб рафта, диқати махсусро талаб менамояд.

Аз ин нуқтаи назар мавзуи интихобнамудаи муҳаққиқ Азиззода Рухсора Назир дар мавзуи “Асосҳои иҷтимоӣ-педагогии омода намудани писарҳо ба иҷрои вазифаи падарӣ” яке аз масъалаҳои актуалӣ ва муосир дар педагогикаи тоҷик ба шумор меравад. Таҳлили педагогии фаъолияти насли наврас ва ҷавон аз мо дарки мафҳуми васеи «омода намудани писарҳо ба иҷрои вазифаи падарӣ»-ро тақозо менамояд.

Муаллифи рисола иброз намудааст, ки солҳои охир дар илми педагогика таҳқиқотҳое анҷом дода шудаанд, ки ба масъалаҳои мубрами педагогикаи мардумӣ бахшида шудаанд. Бо вуҷуди бунёдӣ будани ин таҳқиқот, на ҳамаи онҳо ба масъалаи омода намудани писарҳо ба иҷрои вазифаи падарӣ равона шудаанд. Аз ин лиҳоз, диссертатсияи Азиззода Рухсора Назир ба яке аз масъалаҳои муҳим дар доираи педагогикаи гендерӣ – масъалаи тарбияи писарон ва ба ҳаёти оилавӣ ва омода намудани онҳо ба ҳаёти ояндаи арзишманд равона карда шудааст.

Яке аз вазифаҳои таҳқиқот муайян намудани шартҳои зарурии омода намудани писарҳо ба иҷрои вазифаи падарӣ ба шумор рафта,

барои ошкор намудани онҳо таҳлили назариявии таҳқиқот, санҷишҳо, таҷрибаи шахсии фаъолияти педагогӣ, мушоҳида, анкетагирӣ истифода шудааст. Дар ин асос мақсади таҳқиқотро муайян намудааст, ки он асосҳои назариявию амалии фароҳам овардани шароитҳои иҷтимоӣ-педагогии омода намудани писарҳо ба иҷрои вазифаи падариро дар шароити муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар бар мегирад.

Муҳаққиқ тасдиқ мекунад, ки ба тарбияи писарон ҳамчун падарони оянда омилҳои мухталиф ба монанди муҳити иҷтимоӣ, тарбияи оилавӣ, таҳсил дар муассисаҳои таълимии томактабӣ, корҳои тарбиявӣ-таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёна одобу анъанаҳои миилию хонаводагӣ таъсири амиқ мерасонанд.Ҷиҳати ноил шудан ба мақсад, санҷишу тасдиқи фарзияи гузошташуда барои роҳандозӣ намудани вазифаҳои гузошташуда, муҳаққиқ таҳқиқоти зеринро ба анҷом расонидааст:

– масъалаҳ ои мухталифи тарбияи писарон ба ҳаёти оилавӣ ва омода намудани онҳо дар педагогикаи муосир ба таври маҷмуавӣ баррасӣ гардида, дар ин самт проблемаҳои ҷойдошта муайян карда шудаанд. Ҷанбаҳ ои гуногуни педагогикаи халқӣ, ҷойгоҳи тарбияи писарон дар он ба таври мушаххас мавриди омӯзиш ва бахогузорӣ қарор дода шудаанд;

– ба таври маҷмуавӣ афкори мутафаккирони тоҷику форс дар доираи педагогикаи халқи тоҷик доир ба тарбияи писарҳо мавриди омӯзиш, баррасӣ ва баҳогузорӣ қарор дода шуда, нақши онҳо дар тарбияи писарон ошкор карда шудааст;

– омилҳои иҷтимоӣ-педагогии омодагии писарон ба ҳаёти мустақилона ва иҷрои вазифаи падарӣ дар оила ба таври умумӣ таҳқиқ шудааст. Илова бар ин, ба таври маҷмуавӣ проблема ва монеаҳои ҷойдошта муайян карда шуда, роҳҳои ҳалли онҳо мавриди ҷобагузорӣ ва таҳлил гардиданд;

– заминаҳои психологӣ-педагогии тарбия ва омодагии писарон ба нақши падарӣ дар шароити муосир ошкор гардида, ҳолатҳои самаранок гардидани чунин тарбия ва омоданамоӣ бо таҳлилҳои мушаххас муайян карда шудаанд;

– истифодаи арзишҳои маънавӣ дар тарбияи писарон ба таври маҷмуавӣ омӯхта шуда, нақши онҳо дар ин раванд бо таҳлилҳои мушаххас ошкор карда шудааст;

– ҳамкориҳои оила ва муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар тарбияи писарҳо баҳогузорӣ карда шуда, зарурати чунин ҳамкорӣ дар самаранок гардидани раванди тарбияи писарон ошкор ва пешниҳод гардидааст.

Инчунин дар навгонии илмии пажӯҳиш шароити педагогии бештар самараноки омода намудани писарҳо ба иҷрои вазифаи падарӣ дар

заминаи анъанаҳои миллии халқи тоҷик муайян ва асоснок карда шуданд.

Дар нуктаҳои асосие, ки барои дифоъ пешниҳод мешавад, чунин омадааст:

- тарбияи писарон ва ба тарбияи фарзанду ҳаёти мустақилона омода намудани онҳо яке аз масъалаҳои муҳими педагогикаи муосир шуморида мешавад, ки таваҷҷуҳи хоссаро талаб менамояд. Дар ҷомеа қолабҳову меъёрҳои ташаккулёфта дар иҷтимоигардӣ нақши калидӣ доранд. Ташаккулёбии онҳо тариқи иҷро гардидани нақшҳои иҷтимоӣ дар ҷомеа ташаккул меёбанд ва ҳамчун намунаи рафтори инфирод ба ҳисоб меравант. Дар чунин қолаб ва меъёрҳо ҷанбаҳои биологӣ ва иҷтимоӣ мувофиқ гардидаанд. Оид ба тайёрии писарон ба муносибатҳои оилавӣ муаллифон мавкеи ягона надоранд, ки боиси ташаккули ақида ва мавқеҳои муайян шуда тавонад. Барои муайян намудани моҳият ва хусусиятҳои тайёрии писарон ба ҳаёти оилавӣ зарур аст, ки ин муносибатҳо нисбат ба омодагӣ ба ҳаёти оилавӣ мавриди баррасӣ қарор дода шаванд.

- заминаҳои аввалини консепсияи тарбияи писарҳо дар педагогикаи халқи тоҷик аз эҷодиёти шифоҳӣ, мероси классикони адабиёти тоҷику форс сарчашма мегиранд. Дар эҷодиёти шифоҳӣ ва адабиёти классикии тоҷику форс оид ба парвариши насли ҷавон фикрҳои беназир ва ҷолиби диққат баён шудааст. Дар педагогикаи миллӣ зарбулмасал ва мақолҳои халқӣ бевосита аз таҷрибаи ҳаётии мардум гирифта шуда, барои тарбияи хусусиятҳои миллӣ равона гардидааст, зеро онҳо қариб тамоми рӯзгори моддӣ, ҳаёти маънавии мардумро фаро гирифтаанд. Илова бар ин, мутафаккирони тоҷику форс, афкори беназири тарбиявиро пешниҳод намудаанд, ки он чун асоси методологӣ дар педагогикаи халқӣ таҷрибаи тарбиявии мардумро дар бар гирифтааст.

- писарон, мардони оянда ба падарӣ тайёр шуда, дар доираи баъзе масъалаҳо ва ҳалли онҳо таҷрибаи худро дар муносибат бо падар ба ёд меоранд ва саъйу кӯшиш менамоянд, ки чунин таҷрибаро дар бароҳмонии муносибатҳо ё ҳалли масъалаҳои мавҷуда бо фарзанди худ мавриди истифода қарор диҳанд. Омили асосӣ ва таъсири тарбия, дар чунин ҳолат, албатта, таҷрибаи волидайн ва умуман, тамоми ҷомеа мебошад. Баҳогузории иҷтимоӣ дар чунин ҳолат асос ё нишондиҳандаи муайяни баҳодиҳӣ ба худ шуморида мешавад, зеро қолабҳои иҷтимоӣ ба ташаккули образҳои «Ман-идеалӣ» таъсир мерасонанд.

- ҳаёти маънавии ҳар як миллату халқият ва ояндаи онҳо, пеш аз ҳама, аз сатҳи маълумотнокии ҷавонон вобаста аст. Тарбия фаъолияти маънавӣ-ахлоқӣ, иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад. Самтгирии арзишии он як навъ зуҳуроти ҷаҳонбинии шахсият ва муайян намудани самтгирии маънавӣ ба

ҳисоб меравад. Ба арзишҳои маънавӣ метавон арзишҳои гуманистӣ, зебоипарастӣ, экологӣ, инчунин маърифат, худтакмилдиҳӣ ва худамалинамоии шахсиятро дохил намуд. Дар доираи арзишҳои оилавӣ метавон оид ба арзишҳои анъанавии оилавӣ – падариву модарӣ, кӯдакӣ, хешутаборӣ, тарбияи меҳнатӣ, урфу одатҳо сухан ронд. Ташхиси педагогӣ унсури зарурӣ дар раванди ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии оилавӣ ба ҳисоб меравад.

- тарбияи волидайни оянда, бахусус писарон, на танҳо ҷанбаи муҳими рушди фарзандон ва оилаҳо, балки тамоми ҷомеа ба ҳисоб меравад. Омодагӣ ба волидайнӣ, бахусус падарӣ, бояд ҷузъи муҳими сиёсати иҷтимоӣ бошад, зеро бисёре аз мушкилоти иҷтимоӣ, аз қабили майзадагӣ, ҷинояткорӣ, нашъамандӣ ва бемориҳои рӯҳӣ аз мушкилоти оилавӣ сарчашма мегиранд. Сифат ва самаранокии тарбияи оилавӣ, аз бисёр ҷиҳат, аз сатҳи ҳамкории волидайн бо муассисаҳои таҳсилоти умумӣ вобаста аст.

Пас аз овардани муқаддима масъалаҳои назариявиву амалии марбут ба кори таҳқиқотӣ дар ду боб ва зерфаслҳои алоҳида тақсим шуда, таҳлилу баррасӣ гардидаанд. Дар муқаддимаи диссертатсия муҳимияти мавзуи таҳқиқшаванда собит карда шуда, доир ба маводи таҳқиқ ва аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия, навгониҳои илмии диссертатсия, равиши таҳқиқи мавзуъ, манобеи пажӯҳиш ва сатҳи эътимоднокӣ ва коркарди мавзуъ маълумоти мушаххас оварда шудааст.

**Дар боби аввали рисола** «Асосҳои илмӣ-амалӣ ва педагогӣ-психологии тарбияи писарҳо дар ҷомеаи муосир» номгузори гардида, аз се фасл иборат аст.

Дар боби мазкур масъалаҳои тарбия ва ба ҳаёти оилавӣ, зиндагӣ омода намудани писарҳо дар педагогикаи халқи тоҷик, консепсияи тарбияи писарҳо дар педагогикаи халқи тоҷик, омилҳои иҷтимоӣ-педагогии омодагии писарҳо ба иҷрои вазифаи падарӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст.

Ҳамзамон оид ба раванди иҷтимоигардӣ, яъне азхуднамоии маҳорату малакаҳои зиндагӣ дар ҷомеа ва қабули муқаррарот, ки бо иҷрои нақшҳои иҷтимоӣ алоқаманд мебошанд, сухан рафтааст. Вобаста ба калонсолон тақлид намудани кӯдак, интихоби нақшҳо ва тарҳҳои рафтори имконпазир, ки ба ҷинси ӯ мувофиқ аст, андешаҳ о оварда шудааст.

Муаллиф оид ба ҷанбаҳои мухталифи мавзуъ, ба таҳқиқоти олимон, ки андешаҳояшон ба ташаккули арзишҳои маънавӣ ва ахлоқии насли наврас алоқаманд мебошанд, рӯ оварда, мавриди таҳқику баррасӣ қарор додааст. Аз ҷумла, ба таҳқиқоти М.Лутфуллозода, Ф.Шарифзода, К.Б.Кодиров, Б.Раҳимов, А.Нуров, Х.Раҳимзода, С.Сулаймонӣ,

Б.Маҷидова, Ш.Сафаров, Н.Юнусова, Д.Латифзода, Ҷ.Файзализода, А.Мирализода, Ф.Гулматов ва дигарон таваҷҷуҳ карда шудааст.

Муаллиф дар фасли дуюми боби мазкур масъалаҳои мухталифи тарбия, аз он ҷумла масъалаи тарбияи писарон дар педагогикаи халқӣ таваҷҷуҳ намуда, андешаҳои ҷолиби диққат пешниҳод намудааст. Ӯ қайд мекунад, ки педагогикаи халқӣ аз замони пайдоиши худ дар шаклҳои гуногун инкишоф ёфта, аз насл ба насл гузаштааст ва андешаҳои беназирро дар бораи зиндагӣ, оила, фарзанд, тарбия ва таълим таҷассум намудааст. Афкори педагогии халқ дар эҷодиёти шифоҳӣ, мероси адабии педагогии мутафаккирони тоҷику форс, одату анъанаҳои оилавии миллӣ ифода гардида, онҳо дар навбати худ, маданияти педагогии умумибашариро таҷассум менамоянд.

Таърихи тарзи зиндагонии ҳар як халқ аз дараҷаи баланди иттиҳоди оила, аз инкишофи ҳаматарафаи он шаҳодат медиҳад. Анъанаҳои миллии тоҷикон дар тарбияи ғояи миллии соҳибистиқлолияти кишвар, бунёди давлати оянда, инчунин дар интихоби самти дуруст дар тарбияи маънавӣ, аз ҷумла ба ҳаёти оилавӣ омода намудани писарон, аҳамияти бузург доранд.

**Боби дуюми** дисертатсия «Технологияи омода намудани писарҳо ба ҳаёти оилавӣ ва иҷрои вазифаи падарӣ» номгузорӣ шудааст ва дар он масъалаҳои заминаи иҷтимоӣ-психологӣ ва педагогии шаклдиҳии омодагии ҷавонон ба нақши падарӣ, истифодаи арзишҳои маънавӣ дар тарбияи писарҳо ва омода намудани онҳо ба нақши падарӣ, ҳамкории оила ва муассисаҳои таълимӣ дар тарбияи писарҳо ва иҷрои вазифаи падарӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Муаллиф дар он ҷанбаҳои психологӣ-педагогии падариро таҳқиқ намуда, қайд мекунад, ки хусусияти фаъолияти тарбиявии падар ва муносибат ба он аз сохтори ҷомеа ва талабот ба тарбиятгиранда вобаста аст. Нақши падар ҳамчун тарбияткунанда ва рафтори ӯ дар якҷоягӣ бо меъёрҳо ва падидаҳои ҷамъиятӣ тағйир меёбанд.

Таҳлили самтҳои психологиву педагогӣ ва тағйироту дигаргуниҳо дар ҷомеа, вазъи соҳаи тарбияи шахсият имконият медиҳад, ки мавҷудияти талаботи нави ҷомеа ба тарбияи ҳамаҷонибаи рушди шахсият дар оила тариқи қувват бахшидани нақши тарбиявии падар ҷудо карда шавад.

Натиҷаҳои бадастомада собит месозанд, ки дар самти тарбияи хонанда ва самаранок намудани раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ имконияти васеи пешбурди корҳои тарбиявӣ ва таълимиро доро мебошанд. Натиҷаи бадастомада собит месозад, ки истифодаи анъанаҳои миллии халқи тоҷик дар омода намудани писарҳо ба иҷрои вазифаи падарӣ ба роҳбарият, омӯзгорон ва волидон барои

дастрасии муҳити иттилотӣ ва маводи таълимӣ дар вақти зарурат имконият медиҳад.

Агар ба педагогикаи халқӣ назар афканем, дар он «...ҳисси шарафу ифтихори шаҳрвандӣ барои ҳар як инсон бо муҳити зист - бо он гӯшаи азизе, ки олам барояш кушода шуд, бо ҷое, ки нишотҳои нав, фаромӯшнопшуданӣ, нишоти муошират бо одамони дигар алоқаманд аст». Зимнан ташаккули ифтихор аз худ, номи худ, шарафи оилаи худ, ҳисси шаъну шарафи шахсӣ, шуури ахлоқӣ, шаклгирии эҳтиёҷоти шаҳрвандӣ ҳамчун воситаи муҳими тарбияи ҷамъиятии шахс мебошад. Дар рисолае, ки аз ҷониби муҳаққиқ Азиззода Рухсора Назир мураттаб гаштааст, андешаҳои болозикр моҳияти таҳқиқи «Асосҳои иҷтимоӣ-педагогии омода намудани писарҳо ба иҷрои вазифаи падарӣ»-ро ифодагар аст.

Пешниҳод ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия матраҳ гаштаанд, барои самаранокии низоми муносибатҳои инсонӣ ба ҷомеа, меҳнати зеҳнӣ ва ҷисмонӣ, ба одамон дар шаклгирии муносибати бошууронаи хонандагон дар омода намудани писарҳо ба иҷрои вазифаи падарӣ мусоидат карда метавонанд.

**Эродҳо ба кори диссертатсионӣ:**

1. Муҳаққиқ дар боби якуми кор ба таври маҷмуавӣ афкори мутафаккирони тоҷику форсро дар доираи педагогикаи халқи тоҷик доир ба тарбияи писарҳо мавриди омӯзиш, баррасӣ ва баҳогузорӣ қарор дода, мисолҳо оварда бошад ҳам, барои мукаммалтар сохтани муҳтавои диссертатсия намунаҳои аз ашъори шоирон овардашударо васеътар дар қисми озмоишии кор истифода менамуданд, ба диссертатсия арзиши илмии бештар мебахшид.

2. Дар рисола ба масъалаи роҳҳои омӯзиш ва ташхиси ҷанбаҳои гуногуни тарбияи писарон, тайёр намудани онҳо ба ҳаёти оилавӣ, ҳаёти мустақилона ва иҷрои вазифаи падарӣ аз нигоҳи педагогӣ бештар таваҷҷуҳ дода шудааст. Барои мукаммалтар намудан ва илман асосноктар сохтани муҳтавои диссертатсия унвонҷӯ аз ҷиҳати психологӣ низ масъалаи мазкурро таҳлил менамуд, мазмуни илмии диссертатсия боз ҳам мукаммал мегардид.

3. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ амалигардии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон", Консепсияи миллии сиёсати ҷавонони Тоҷикистон ва Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд васеътар таҳлил мегардид.

4. Тавсия мегардад, ки як бори дигар матни диссертатсия мавриди таҳлил қарор ёфта, хатогиҳои имлоию грамматики ва техникӣ бартараф карда шаванд.

Бешубҳа, норасоиҳои қайдшуда муҳимияти мазмуну мундариҷаи рисолаи илмии Азиззода Рухсора Назирро коста намегардонад, зеро таҳқиқот ба итмомрасида ва мустақил аст ва муҳаққиқ Азиззода Рухсора Назир сазовори додани дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ,
дотсенти кафедраи педагогикаи
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ Бобоева Маҳбуба Ҷӯрахоновна

**Маълумот барои тамос:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Кӯлоб, кӯчаи Сангак Сафаров 21;
Тел:(83322)2 35 06; E-mail: info@kgu.ti: www.kgu.ti

Имзои Бобоева М. Ҷ.-ро тасдиқ мекунам.

18.09.2024

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рудакӣ Амиров Ф.А.